**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 121/2с
аз «07» 08 соли 2024

Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар сархатҳои 1, 2 ва 3 банди 2 қисми 3 моддаи 1 лоиҳаи болозикр ӯҳдадорӣ барои субъектҳои соҳибкории калон, ташкилотҳои буҷетӣ ва субъектҳои соҳибкории хурду миёна вобаста ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ гардидааст;

3) лоиҳа маҳдудиятҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро пешбинӣ наменамояд;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, барои дуруст амалӣ намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мусоидат менамояд.

Муовини якуми
Директор — Соҳибзода М.М.